«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон, доктори
илмҳои техникӣ, профессор
_____Назарзода Х.Х.
«24» октябри с. 2026

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзуи «Ҳамкориҳои тиҷоратӣ - иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 - Иқтисодиёти ҷаҳон пешниҳод шудааст.

1. Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзуи «Ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо» ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 - Иқтисодиёти ҷаҳон мутобиқ мебошад: III.5.- Равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаҳои рушдёфта ва рӯ ба рушд ниҳодаи хоҷагии ҷаҳонӣ, қонуниятҳои рушди ин равандҳо, баҳои ояндаи ҳамгироии иттиҳодияҳои гуногуни тиҷоратию иқтисодӣ, аз ҷумла ҳамгироии иқтисодии Авруосиё;

III.11.- Механизмҳои танзими тиҷорати байналмилалӣ; III.18.- Стратегияҳои муосири бозорӣ ва нақши онҳо дар инкишофи мубодилаи байналмилалӣ, ҷанбаҳои методии рақобатпазирии байналмилалӣ; III.25.-

Иқтисоди миллии кишварҳои алоҳида дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ: проблемаҳои муносибсозии ҳамкорӣ ва таъмини манфиатҳои иқтисоди миллӣ. Тазодҳои байналмилалии иқтисодӣ, сабабҳо ва равишҳои ҳалли онҳо.

2. Мубрамии мавзӯи таҳқиқот. Бояд қайд намуд, ки дар шароити кунунии ҷаҳонишавии иқтисодиёт, боло рафтани таъсири рақобат ба рушди хоҷагидорӣ, таъсири манфии бӯҳронҳои гуногуни молиявию иқтисодӣ, ташкил ва рушди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ, ҳамчун механизми пешбаранда ба таъмини рушди устувор дар доираи давлатҳои ҳамкор нақши муҳим дорад. Ин ҷо сухан дар бораи паҳлуҳои иқтисодию тиҷоратӣ, молиявию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар яке аз иттиҳодияҳои бонуфузи ҳамгироӣ – Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) меравад. Маълум аст, ки Тоҷикистон яке аз муассисон ва таъсисдиҳандагони фаъоли СҲШ, дар ташаккули фаъзои ягонаии иқтисодии он ва таҳкими равобити дуҷониба ва бисёрҷониба бо давлатҳои ҳамкор фаъолона ширкат меварзад. Натиҷаи он аст, ки мувофиқи маълумоти расмӣ, беш аз 70 дарсади гардиши тиҷорати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои СҲШ сурат мегирад, ки ин омил ба афзоиши иқтисодӣ мусоидат менамояд. Аз рӯи ин маълумоти оморӣ дар соли 2023 афзоиши ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон 8,3 дарсадро ташкил намуд, ки қисман аз ҳамгироии минтақавӣ замина мегирад.

Дар доираи СҲШ шарикони асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин фаъолияти Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Узбекистон ба шумор мераванд, ки саҳми онҳо дар воридоти молҳои саноатӣ, маҳсулоти ғизоӣ, манобеъи энергетикӣ ва содироти ашёи маъданӣ, пахта, алюминий ва дигар молҳо барои рушди иқтисоди миллӣ назаррас мебошад. Самти дигари ҳамкориҳо дар доираи СҲШ, ин ҳамкорӣ доир ба сармоягузорӣ мебошад, ки дар ин самт саҳми Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Федератсияи Россия бориз аст. Самти дигари ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи СҲШ дар он ифода меёбад, ки мамлакати мо дар барномаҳои мухталифи рушд, платформаҳо, форумҳо, анҷуманҳои доимии иқтисодӣ иштирок ва табодули афкор намуда, барои барқарор ва устувор намудани робитаҳо байни

кишварҳои ҳамкор, рушди содироти молу маҳсулот ва пайдо намудани шарикони нав мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СҲШ, ҳамчун омили калидӣ дорад, барои рушди иқтисоди миллӣ ва навиштаҳои боло мубрамият ва аҳамияти кори диссертатсионии Иброҳимзода Амир Муддинро тақозо менамоянд.

3. Дараҷаи навгонӣ ва саҳеҳии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада. Навгониҳои илмии диссертатсияи тақризшаванда аз асоснокнамоии самтҳои назариявию методологӣ ва таҳлили вазъи кунунии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар дориаи СҲШ ва муайян намудани дурнамо ва хулосаҳою пешниҳодҳо иборат мебошанд.

Дар диссертатсия як қатор муқаррароти нави дорои аҳамияти илмию амалӣ пешниҳод гардидааст, ки аз назари мо, муҳимтарини онҳо чунин аст:

1. Дар заминаи омӯзиши адабиёти сершумор дар бахши асосҳои назарияви ва методологии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар доираи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ, диссертант ба хусусиятҳои давлатҳои хурд ва рӯ ба тариққӣ муайян кардааст ва дар ин замина паҳлуҳои асосии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар раванди ҳамгироӣ ошкор намудааст;

2. Дар мисоли Созмони ҳамкории Шанхай, нақши иттиҳодияҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавиро дар рушд ва татбиқи сиёсати хориҷии кишварҳои узв дар шароити интернасионалишавӣ ва ҷаҳонишавии хоҷагии ҷаҳон муайян намудааст;

3. Таҳлил ва омӯзиши маълумотҳои оморӣ ва макроиқтисодӣ доир ба динамикаи рушди савдои хориҷии мамлакат бо кишварҳои СҲШ имконият додааст, ки тамоюлҳо ва қонуниятҳои муносибатҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шаванд. Дар баробари он ҳамкориҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои СҲШ омӯхта шуда, монеаҳои воридшавии сармоя ва самтҳои нави истифодаи он ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ баррасӣ гардидааст;

4. Дурнамои самтҳои асосии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ, инчунин роҳҳои асосии ҳимояи манфиатҳои стратегии мамлакат дар доираи ҳамкориҳо бо давлатҳои аъзо пешниҳод гардидааст.

4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аслан ба низом даровардани сатмҳои илмии омӯзиши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар доираи иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ, ҳамчунин муайян намудани нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди ҳамкориҳои иқтисодии Созмони ҳамкории Шанхай мебошад. Дар заминаи натиҷаҳои бадастомада дарки паҳлуҳои методологии механизмҳои рушди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ саҳеҳтар гардида ва ин назарияҳо имконият медиҳанд, ки СҲШ-ро ҳамчун воситаи муҳими ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар доираи муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ корбарӣ намоем. Ҳамчунин, хулоса ва пешниҳодҳои баррасигардидаро ҳангоми таҳия ва мукаммалсозии санадҳои меъёрии иқтисодию ҳуқуқии танзимкунанда дар бахши савдои хориҷӣ ва фаъолияти иқтисодӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегарданд, ки хулосаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои илман асоснок кардашуда дар диссертатсия барои боло бурдани самаранокии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ташаббусҳои тиҷоратию иқтисодии СҲШ истифода гарданд. Зиёда, аз ин хулосаю пешниҳодҳои дар кор бадаст овардашуда, метавонанд дар фаъолияти амалии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат ҳангоми омӯзиши предметҳои “иқтисодиёти ҷаҳон”, “ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ” ва ғайра истифода карда шаванд Натиҷаҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсия дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи

давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон истифода мегардад, (маълумотнома №1074/04 аз 25.11.2025). Ҳамчунин, қисмати натиҷаҳои таҳқиқот дар Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шудааст (санади татбиқ №05-01 аз 03.03.2026).

5. Асоснокӣ ва эътимоднокии ҳулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсия зикршуда: Бояд қайд намуд, ки ҳадафи асосии диссертатсия аз асосноккунии самтҳои назариявию методологӣ ва таҳлили ҳаматарафаи вазъи кунунии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай, ҳамчунин муайяннамоии дурнамо ва паҳлуҳои рушди минбаъдаи он иборат аст.

Ба хотири иҷрои чунин ҳадафи муҳим ва расидан ба натиҷаҳои илмӣ, дар раванди таҳқиқот усулҳои гуногуни таҳлилию, илмию назариявӣ истифода гардида, дақиқии маълумотҳо кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқгардида, коркарди илмӣ-оморӣ, назариявӣ, риёзӣ ва абстрактии натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ гардидааст.

Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дар асоси омӯзиши илмӣ ва натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

6. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Пеш аз ҳама дар асоснок намудани паҳлуҳои назариявию методологии ташаккули ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аъзоёни СҲШ, дарназардошти чолишҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, таҳлил ва арзёбии ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои номбурда, пешниҳоди механизмҳо, муайян намудани самтҳои асосӣ ва дурнамои рушди ҳамкориҳо бо давлатҳои шарик мебошад. Муаллиф ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо давлатҳои узви СҲШ таҳқиқ намуда, дар асоси таҳлил пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ баррасӣ намудааст.

7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Доир ба мавзӯи диссертатсия 6 мақола илмӣ, аз ҷумла 4 мақола да маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон нашр гардидааст. Ин нишон медиҳад, ки таълифоти муаллиф б

талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ мебошад.

8. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.

Иброҳимзода Ӣмир Муддин дар мавзуи «Ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо», гузориши мақсад ва алоқамандии мантиқии онҳоро тасдиқ менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 8 зербоб, хулоса, ва феҳристи адабиёт, ки 181 номгӯйро дар бар мегирад, 11 расм, 14 ҷадвал ва 10 диаграмма иборат аст. Кори диссертатсионӣ дар маҷмӯъ аз 183 саҳифаи компютерӣ иборат аст.

Дар муқаддимаи кор мубрамияти мавзуи диссертатсия асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи масъала, мақсад ва вазифаҳои он муайян гардидааст. Ҳамчунин объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот мушаххас нишон дода шуда, асосҳои таҳқиқот, навгонии илмии он, нуқтаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мегарданд, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо баён карда шудаанд. Мутобиқати ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқот, натиҷаҳои татбиқшаванда ва мақолаҳои илмии вобаста ба мавзӯъ низ қайд гардидаанд. Илова ба ин, сохтор ва ҳаҷми умумии диссертатсия низ нишон дода шудааст (с.4-12).

Дар боби якуми диссертатсия “Асосҳои назариявии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар шароити ҳамгироии иқтисоди минтақавӣ” (с.13-64), паҳлуҳои илмию методологии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар доираи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ, аз ҷумла:

- ҷанбаҳои назариявии ташаккули ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ;
- нақши иттиҳодияҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар рушди иқтисодиёти кишварҳои аъзо;

- Созмони ҳамкории Шанхай, ҳамчун ниҳоди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ – ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар диссертатсия муаллиф омӯзиши муносибатҳои тиҷоратию иқтисодиро омили муҳими рушди хоҷагии ҷаҳон шуморида, дуруст қайд намудааст, ки "иқтисодиёти давлатҳо то рафт бештар бо ҳам алоқаманд шуда истодаанд, ки ин ба вусъати савдои байналмилалӣ, сармоягузориҳои назди сарҳадӣ, инкишофи занҷираҳои таъминоти логистикӣ ва пешрафти технологӣ вобаста аст. Дар баробари ин, рақобат шиддат гирифта, вобастагӣ аз омилҳои иқтисоди берунӣ афзоиш ёфта, масъалаҳои амнияти иқтисодӣ ва рушди устувор тезутунд мегарданд" (с.13).

Дар асоси омӯзиши адабиёти сершумор, муаллиф нуқтаи назари муаллифони ватанӣ ва хориҷиро омӯхта, (дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт) шарҳи мустақилонаи мавҳумҳои илмии "тиҷорати байналмилалӣ" ва "ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ"-ро пешкаш намуда, саҳми худро дар такмили мантиқии ин ибораҳои илмӣ гузоштааст (ҷадв. 1.1.1.).

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки тиҷорати байналмилалӣ, дар доираи муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ "яке аз қувваҳои ҳаракатдиҳандаи рушди устувори иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад" (с.17). Барои исботи ин ақида аз олими машҳури Ғарб, Ҷ. Сакс иқтибос меорад, ки ӯ чунин қайд намудааст: "....пешрафти иқтисодии дилхоҳ мамлакати ҷаҳон ба тиҷорати берунаи ӯ асос меёбад. То ҳол ба ягон давлате муясар нашудааст, ки ҷудогона аз низоми иқтисоди ҷаҳонӣ иқтисодиёти солим дошта бошад. Тиҷорати байналмилалӣ яке аз шаклҳои рушдёфтаи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ (МИБ) ба ҳисоб меравад. Мувофиқи баъзе маълумотҳо қариб 80%-и МИБ-ро тиҷорат ташкил мекунад".

Муаллиф навиштаҳои болоро тақвият бахшида бо истифода аз ақидаҳои Д.Рикардо ва А.Смит ба он ақидаи мушаххас ноил гаштааст, ки ҳар як мамлакат новобаста аз дараҷаи истеҳсоли тамоми молҳо аз тиҷорат фоида ба даст меорад.

Муаллиф назарияҳои классиконро: Хекшер-Олин, П. Самуэлсон, В. Леонтев ва дигаронро доир ба паҳлуҳои асосии тиҷорати байналмилалӣ ва омилҳои ба он таъсиррасонро ҳаматарафа омӯхта, ба чунин ақидаи дуруст ноил гаштааст: "....ки назарияҳо ва ё моделҳои классикӣ на ҳамеша хусусиятҳои тиҷорати муосирро шарҳ дода метавонанд, аз ин сабаб дар нимаи дуюми асри XX назарияҳои муосири савдои байналмилалӣ ба миён омад. Масалан, назарияи тафовути технологӣ ва навовариҳо ҷойи муҳимро ишғол менамоянд. "...кишварҳое, ки ба илму техника сармоягузорӣ мекунанд, дар бозори ҷаҳон бартарии рақобатӣ ба даст меоранд" (с. 22).

Диссертант назарияҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро доир ба ҷанбаҳои асосии ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ омӯхта ба ақидаи дуруст ноил гаштааст, ки арзёбии ташаккул ва рушди иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ барои рушди бозорҳои минтақавӣ, фаъол гардонидани фаъолити сармоягузорӣ, таҳияи лоиҳаҳои муштараки инноватсионию сармоягузорӣ ва фаъолсозии фаъолияти инноватсионӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад.

Дар ин кор муаллиф таъкид менамояд, ки низоми муосири муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ бо дараҷаи баланди вобастагӣ ва муттаҳидшавии иқтисодиёти миллӣ хос аст ва нақши онҳо на танҳо ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии ширкаткунандагон, балки фароҳам овардани шароити устувортар ва пешбинишавандаи ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад (с.31).

Бартарии ин боб дар он ба назар мерасад, ки муаллиф иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ ва байналмилалии ҷаҳонро ба омнанди иттиҳоди Аврупо, иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, МЕРКОСУР, АСЕАН, ИДМ, БРИКС ва СҲШ-ро омӯхта хусусияти иқтисодӣ доштани онҳоро ва ба рушди иқтисодиёти иштирокчиён ва дар маҷмуъ барои рушди устувори иқтисодиёти ҷаҳон равона будани онҳоро муайян намуда ба чунин хулосаи муфид ноил гардидааст: "...иттиҳодияҳои иқтисодии минтақавӣ ва байналмилалӣ ба муҳимтарин ниҳоди меъмории иқтисодӣ ҷаҳонӣ табдил ёфтаанд. Нақши онҳо дар таҳкими робитаҳои иқтисодӣ, ба вуҷуд овардани рушди устувор ва

дастгирии ҳамдигарии мамлакатҳо хеле назаррас аст. Бо вуҷуди ин, мувоффиқати фаъоли онҳо аз таносуби манфиатҳо, шаффофияти қабули қарорҳо ва қобилияти мутобиқ шудан ба шароити тағирёбандаи ҷаҳонӣ вобаста аст" (с.47)

Бартарии дигари боби мазкур дар он мушоҳида мегардад, ки муаллиф ба таври саҳеҳу мушаххас ва асоснокнамоии илмӣ Созмони ҳамкории Шанхайро ҳамчун ниҳоди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додааст (с.48-64). Дар ин росто, диссертант дуруст ҳадафи таҳлили ин созмонро "ҳамчун механизми ҳамгироии иқтисодӣ, натиҷаҳои бадастомада ва мушкилоте, ки ин созмон дар раванди ҷаҳонишавии муосир ба он рӯ ба рӯ аст, ба шумор меравад", муайян намудааст (с.48).

Вобаста ба ҳадафи дар пешгузоштааш, муаллиф сохтори СҲШ -ро муайян намуда механизми рушди онро бо гурӯҳбанди ба панҷ марҳила мавриди омӯзишу таҳлил қарор додааст, дуруст қайд намудааст, ки дар марҳилаи якум (2001-2004) СҲШ, ҳамчун созмон ба таъмини амният ва субот нигаронидашуда таъсис гардида бошад, дар марҳилаи панҷум (аз соли 2022 то ҳоло) рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи ин СҲШ бо аҳамияти рузафзуни истиқлолияти технологӣ, татбиқи иқтисоди рақамӣ ва рушди устувор муайян карда шудааст. Ҳамин тавр, муаллиф дуруст қайд намудааст, ки СҲШ аз соли таъсис ёфтанаш аз механизми амнияти минтақавӣ ба яке аз субъектҳои калидии иқтисодӣ дар фазои Авруосиё табдил ёфтааст. Бо ибораи дигар ин иттиҳодия ба яке аз созмонҳои бузурги ҷаҳонӣ табдил ёфта нуфузи он аз ҳамкориҳои дохилӣ хеле фаротар гардидааст. Аз рӯи ҳисобу китоби муаллиф, дар соли 2024 маҷмуи маҳсулоти дохилии кишварҳои узв беш аз 25 триллон доллари ИМА-ро (ё ба чоряки ММД-и ҷаҳонро) ва аҳолии кишварҳои узв бошад, беш аз 3,5 миллиард нафар ё тақрибан нисфи аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, муаллиф дуруст қайд намудааст, ки СҲШ аллакай ба иқтисоди ҷаҳонӣ таъсири назаррас дорад ва мавқеи худро мустаҳкам намудааст (с 59-64). Аз ин дидгоҳ нақши он дар рушди устувори ҳам иқтисоди ҷаҳонӣ ва ҳам кишварҳои узви он хело назаррас аст.

Дар боби дуюми диссертатсия “Вазъи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай” аз тарафи муаллиф муносибатҳо дар се самт мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода шудааст:

а) тамоюлҳои рушдёбандаи савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ (дар чорчӯбаи ҳамкориҳои иқтисодӣ) омӯхта шудааст;

б) ҳамкории сармоягузорӣ бо кишварҳои узви СҲШ таҳлилу таҳқиқ гардидааст;

в) иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барномаҳои мухталифи рушд, форумҳо ва платформаҳо ҳамчунин анҷуманҳои доимии иқтисодӣ, ки кишварҳои узв пешбурди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пайдо намудани шарикони нав дар доираи СҲШ мусоидат менамоянд, ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқу таҳлили амиқ қарор дода шудааст (с.65-122).

Боби дуюми диссертатсия ба таҳлили амиқи вазъи кунунии муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ бахшида шуда, аз лизози сохтор, мазмун ва асоснокии илмӣ аҳамияти назаррас дорад.

Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳаматарафа, аз тарафи муаллиф ошкор гардидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва дигар кишварҳо робитаи тиҷоратию иқтисодии фаъол дорад.

Қайд гардидааст, ки алалхусус Ҷумҳурии Халқии Хитой бузургтарин шарики тиҷоратии Тоҷикистон дар доираи СҲШ мебошад, ки ширкатҳои он дар бахшҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, аз ҷумла энергетика, кишоварзӣ, истихроҷи маъдан, инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикаи сармоягузорӣ фаъолият менамоянд (с.66-67). Дар баробари ин ишора намудааст муаллиф, ки ба хотири беҳбудии ҳамкориҳои иқтисодӣ дар соҳаҳои тиҷорат, сармоягузорӣ ва рушди инфрасохтор Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаббусҳои гуногун, ба мисли Камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим, ки ҷузъи стратегии СҲШ мебошад, фаъолона иштирок менамояд (с. 66).

Ҷиҳати мусбат ва қоибили қайд аст, ки муаллиф ҳаҷми сершумори маълумотҳои омориро (солҳои 2017-2024) васеъ истифода намуда, тамоюли рушди савдои хориҷиро ҳам дар доираи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ҳам дар алоҳидагӣ, ҳам бо мамлакатҳои узви СҲШ (ҷадвалҳои 2.1.1., 2.1.2 ва 2.1.3) ҳаматарафа омӯхта, натиҷагириҳои худро доир ба афзоиши содироту воридоту сармоягузориҳоро барои пешбурди иқтисодиёти миллӣ (бо истифода аз ҷадвалҳою диаграмма) ошкор намудааст, ки арзиши амалӣ ва таҳлили корро афзун мегардонад (с.68-76).

Дар ин росто, муаллиф муайян намудааст, ки дар доираи СҲШ, Федератсияи Россия шарики калидии тиҷорати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бозори он макони аслии содиротӣ (аз қабили маҳсулотҳои кишоварзӣ (меваю сабзавот ва пахта) ва аз Федертасия Россия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсулоти нафтӣ, мошину таҳҷизот ворид мегардад. Ҳисобу китоби муаллиф нишон медиҳад, ки дар доираи СҲШ, гардиши савдои хориҷӣ бо Ҷумҳурии Халқии Хитой, дар даврaҳои ҳисоботи 3,3 маротиба афзудааст, ҳамчунин афзоиши сармоягузорӣ ва тиҷорати мутақобила ҷой дорад. Зиёда аз ин қайд гардидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба унвонии як кишвари транзитии молҳои Хитой ба Осиёи Марказӣ ва минтақа нақши муҳим бозад (с.75). Дар доираи СҲШ аз ҷумла, дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Қазоқистон дар гардиши савдои хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷои якум меистад ва ин нишондиҳанда дар давраи ҳисоботи 1,5 маротиба афзудааст, аз рӯи ҳисобу китоби муаллиф (с.76).

Бо вуҷуди ин таҳлил нишон медиҳад, ки баъзе мушкилотҳо ҳануз ҷой доранд, ки ҳалли муштаракро тақозо менамоянд. Яке аз чунин роҳҳои ҳалли мушкилиҳо "ҳамкориҳои маблағгузорӣ байни худи кишварҳои узви СҲШ ва ҳам бо шарикони хориҷӣ мебошад"(с.97). Ин мушкилот барои давлатҳое, ки иқтисодашон дар ҳоли рушд аст, ба мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ё Ҷумҳурии Узбекистон ва барои онҳо сармоягузории Ҷумҳурии Халқии Хитой, Федератсияи Россия ё Ҳиндустон бисёр муҳим аст, ба хотири

интиқоли технология, рушди инфрасохтор, таъсиси ҷойҳои корӣ ва таъмини фаъолияти соҳибкорӣ (с.97).

Муаллиф қайд намудааст, ки барои ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар мамлакат, қонуни ба талаботи байналмилалӣ мутобиқ "Дар бораи сармоягузорӣ" аз соли 2007 инҷониб, фазои муосиди сармоягузорӣ ва минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсис дода шудаанд. Ва самтҳои асосии сармоягузорӣ дар бахшҳои энергетика, кишоварзӣ, насоҷӣ, коркарди маъдан, роҳсозӣ, сохтмон ва дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ мебошанд. Ҳамкорӣ дар самти сармоягузориҳо бо мамлакатҳои СҲШ, рушди устувори иқтисоди миллӣ нақши калидӣ дорад. Бахусус Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Федератсияи Россия, ки иқтидори бузурги иқтисодӣ доранд ва метавонанд ҳамчун сармоягузорӣ асосӣ баромад карда, на танҳо захираҳои молиявӣ, балки технологияҳои пешрафтаро низ таъмин намоянд (с.120).

Ҳамин тавр, боби мазкури кори диссертатсионӣ бо сатҳи баланди таҳқиқу таҳлили илмӣ, асоснокии назариявию амалӣ ва мутобиқати пурра ба талаботи корҳои илмӣ навишта шуда, барои истифода дар таҳқиқоти минбаъда, таҳияи пешниҳодҳои сиёсати иқтисодӣ дар рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти назаррас дорад.

Боби сеюми диссретатсия таҳқиқи "Самтҳои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ" бахшида шудааст. Дар ин боб роҳҳои ҳимоявии манфиатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии он бо кишварҳои СҲШ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода шудааст (с.122-161).

Дар ин боб муаллиф бо исрор дуруст танқид менамояд, ки яке аз манфиатҳои асосие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамкорӣ бо СҲШ метавонад ба даст биёрад, ин ҳамкорӣ дар самти гидроэнергетика мебошад. Ин омил дар шароити афзоиши талабот ба захираҳои энерегтикӣ ва тағирёбиҳои иқлимӣ ҳамкориро дар доираи СҲШ ва ҳамгироиро дар бозори давлатҳои аъзо рӯзафзун намуда, барои рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мусоидат

менамояд, ки дар навбати худ барои таҳкими пешрафти ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ заминаи хуб мегузорад (с. 129).

Дар боби мазкур инчунин асоснокнамоии самтҳои асосии ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ таҳия гардидааст. Аз ҷумла муаллиф ба он ақида аст, ки дар соҳаи тиҷорат ҳамкорӣ бо СҲШ дастрасии Тоҷикистонро ба бозорҳои бузурги минтақавӣ мекушояд, ки барои афзоиши содирот, бахусус аз рӯи маҳсулотҳои саноатӣ сабук ва кишвоарзӣ заминаҳои нав эҷод менамояд. Иштирок дар доираи ташаббусҳои сармоягузории СҲШ, имкон медиҳад, ки ба кишвар сармояҳои дарозмуддат ворид шаванд, ки ба амали гардидани лоиҳаои инфрасохторӣ, логистикӣ ва саноатӣ муосидат менамоянд. Ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика ва саноат ба устувории технологӣ ва экологӣ равона мегарданд (с. 156).

Ҳамин тавр ба ақидаи мо дар маҷмуъ, ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои СҲШ як вектори стратегӣ буда, на танҳо ба суръат бахшидани рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар, балки ба баланд гардидани рақобатпазирии минтақавии кишвар мусоидат менамояд.

Дар қисмати хулосавии диссертатсия дар заминаи як қатор хулосаю тавсияҳои муаллиф пешкаш гардидааст (С.158-160), ки ба андешаи мо истифодаи онҳо ба такмилу рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай нақши муайян мегузоранд.

9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсия ба талаботҳои додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 – иқтисодиёти ҷаҳон, талаботҳои омодасозӣ ва экспертизаи диссертатсияҳо дар Шурои диссертатсионӣ, инчунин, дигар талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.03.2023, №295 “Оид ба тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267” тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Довталаб диссертатсияро бо риояи меъёрҳои имлои забони тоҷикӣ, бо забони илмӣ омода намуда, мувофиқи дастурамал доир ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ таҳия кардааст.

Автореферати диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асосноқгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

10. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дарафаи илмӣ.

Аз муҳтавои диссератсияи пешниҳодшуда, бармеояд, ки тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи дархостшуда 5.2.21- Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мутобиқат менамояд. Довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 – Иқтисоди ҷаҳонӣ, ба талаботи бандҳои 5, 11, 18 ва 25 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами №627 тасдиқ гардидааст мутобиқат менамояд. Таҳқиқоти мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, мазмуну моҳият ва мантиқи таҳқиқот дорои услубӣ илмӣ мебошад. Сатҳи навгонӣ, вазифаҳои гузошташуда, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсифҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, инчунин мақолаҳои илмӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ мекунанд. Хулоса диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзуи: «Ҳамкориҳои тиҷоратӣ- иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо» ба талаботи таҳияи таҳқиқотҳои диссертатсионӣ мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисоди ҷаҳонӣ ва дигар талаботи муқаррарнамудаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 “Дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” мебошад.

Натиҷаҳои илмии аз тарафи довталаб дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст овардашуда ба талаботҳои додани дараҷаи илмии

доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисоди ҷаҳонӣ мутобиқат мекунад.

Довталаби дараҷаи илмиро ҳамчун корманди илмӣ тавсиф намуда, сатҳи донишандӯзӣ, қобилияти баланди илмӣ ва масъулиятнокии ӯро таъкид намудан зарур аст. Иброҳимзода Амир Муддин қобилияти анҷом додани фаъолияти илмӣ-таҳқиқотиро дар сатҳи зарурӣ нишон дода, ӯ метавонад мустақилона хулосаҳои илмиро барои муайян намудани самтҳои самараноки дастрасии мақсадҳои гузошташуда муқаррар намояд.

11. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.

Умуман, аз ҷиҳати аҳамияти илмӣ ба диссертатсияи мазкур баҳои мусбат дода мешавад. Аммо дар баробари комёбиҳои назаррас, дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона, диссертатсия аз норасогиҳо ва ҳолатҳои баҳсталабе, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холи нест, алалхусус:

1. Муаллиф, дар зербоби 1.1. дар муқоиса аз муаллифони хориҷӣ ва ватанӣ шарҳи мустақилонаи мавҳуми “тиҷорати байналмилалӣ”-ро пешкаш намудааст, агар дар ин қисмат аз корҳои илмии муаллифони ватанӣ бештар истифода менамуд, боз ҳам сифати илмии кор баланд мегардид.

2. Дар зербоби 1.3. саҳ.59 дар самти ҳамкории энергетикӣ дар доираи СҲШ, дар радифи давлатҳои дорандаи захираҳои нафту газ ва ангишт, ба мисли Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Узбекистон, ҳамчунин ёдовар намудани Ҷумҳурии Тоҷикистонро (ҳамчун дорандаи конҳои бои ангишт ва тавлидкунандаи энергетикаи обии ба содирот нигаронидашуда), ба мақсад мувофиқ буд.

3. Арзиши илмии кор баланд мегардид, агар муаллиф дар зербоби 2.1. доир ба омӯзиши тамоюлҳои савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай, роҳҳои бартарафсозии сабабҳои манфӣ будани сальдои савдои хориҷиро омӯхта, пешниҳодҳои мушаххас баррасӣ менамуд.

4. Дар зербоби 2.3, сухан дар бораи ҳамкориҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ меравад, сифати кор баландтар

мегардад, агар муаллиф барои татбиқи амалии сармоягузориҳо дар мамлакат, соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллиро пешкаш менамуд.

5. Мазмуни илмии кор беҳтар мегардид, агар муаллиф фазои мусоиди сармоягузориро бо дарназардошти ҳолати кунунии руши иқтисодиёти миллӣ, ҳаматарафа мавриди таҳлилу омӯзиш қарор медод.

Эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонанд. Ба назар гирифтани онҳо дар таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд.

12. Хулосаи ниҳоӣ.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзӯи **«Ҳамкориҳои тиҷоратӣ- иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо»** таҳқиқоти мустақилона анҷомёфтаи илмӣ буда, дорои навгонии муайяни илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии муҳим дорад.

Муаллиф дар раванди таҳқиқот масъалаҳои мубрами ташаккул ва рушди ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои узви СҲШ мавриди омӯзиш қарор дода, барои арзёбӣ ва ҳамкориҳо бо кишварҳои узви СҲШ як қатор пешниҳод ва тавсияҳои илмӣ-методиро таҳия намудааст.

Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар фаъолияти вазорату кумитаҳо ва инчунин дар раванди таълими фанҳои иқтисодӣ истифода шаванд.

Бо дарназардошти ғуфтаҳои боло, муассисаи пешбар диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддинро дар мавзӯи «Ҳамкориҳои тиҷоратӣ- иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо» ба талаботи муқаррагардида ҷавобгӯ дониста, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.21-иқтисодиёти ҷаҳон тавсия менамояд.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод

шудааст. Такриз аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дустбоев Шодимурод омода гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи №3 аз 23-юми октябри соли 2026). Дар ҷаласаи кафедра 13 нафар аъзоёни кафедра иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Иштирок доштанд – 13 нафар омӯзгорон, аз ҷумла 8 нафар докторону номзадҳои илм; Ҳуқуқи овоз доданро доранд – 8 нафар докторону номзадҳои илм; “Тарафдор” – 8 нафар; “Зид” – нест; “Бетараф” – нест.

Раисикунандаи ҷаласа:

Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент

Мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии ДДТТ Рустамзода Ф.М.

Ташхисгар:

Доктори илмҳои иқтисодӣ, професори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии ДДТТ Дустбоев Ш.

Котиби ҷаласа:

Номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии ДДТТ Давлатов Н.С.

Имзоҳои Рустамзода Ф.М., Дустбоев Ш. ва Давлатов Н.С.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

Суроғаи муассисаи пешбар: Ҷумҳурии Тоҷикистон
734061, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/1
Тел.: +992 (37) 234-83-46, +992(37) 234-85-46
E-mail: tguk.tj

«24» октябри соли 2026